**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи мазмуни он дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосир муқовимат ба ҷиноятҳои нақлиётӣ, хусусан вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, на танҳо масоили мубрами давлати алоҳида, балки ҷаҳонӣ мебошад (С. 3). Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирии ин зуҳурот чораҳои назаррас роҳандозӣ шудаанд. Аммо, новобаста аз чунин чораандешиҳо, омори расмӣ, ки дар саҳифаи 4 автореферати диссертатсия оварда шудааст, нигаронкунанда мебошад. Дар чунин сатҳ қарор доштани содиршавии ҷинояти мазкур аз як тараф, аз ҳисоби сол аз сол коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ки он барои зиёд гардидани шумораи воситаи нақлиёт бе таъсир намемонад бошад, аз тарафи дигар, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷинояти таҳқиқшаванда ба таври зарурӣ танзим нагардида, дар он баъзе аз норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд.

Албатта, чунин номукаммалии қонунгузорӣ заминаи асосиро барои ба миён овардани баҳсҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ фароҳам овардааст.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати

роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза аз мубраммияти таҳқиқоти мазкур шаҳодат медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти автореферати диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мақсади он тибқи объект ва предмети он дуруст муайян карда шуда, барои интихоби мундариҷа ва сохти дурусти кор мусоидат намудааст. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дар он ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои пазируфташуда, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ пешбарӣ шудаанд, асоси назариявии кори мазкурро ташкил дода, барои асоснок намудани мавқеи муаллиф заминаи кофии илмӣ гузоштаанд. Заминаи методологии рисолаи илмӣ барои коркарди ҳамаҷонибаи таҳқиқот мусоидат намудааст (С.7-8).

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 217 саҳифаро дар бар мегирад, ки дар онҳо пайдарҳамии мантиқӣ дида мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти муназзам ва ҳамаҷониба вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзӯи номбурда мебошад (С. 8).

Дар маҷмӯъ метавон иброз дошт, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ба мавзӯъ алоқаманд мусоидат хоҳад

кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзӯи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд.

Дар баробари муваффақият дар автореферати диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад баъзе масъалаҳои баҳсталаб дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

**1.** Дар фишурдаи кори илмии мазкур диссертант тавсияҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 28 аз 18-уми декабри соли 2009 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»-ро мавриди танқиди асоснок қарор додааст. Масалан, дар нуктаи илмии ҳафтум (С. 11-12) муаллиф ихтилофот байни тавсияҳои қарори номбурдаро ба баъзе меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ошкор намуда, роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудааст, ки ин боиси дастгирӣ мебошад. Аммо, вобаста ба ин меҳоҳам диссертант ибрози андеша намояд, ки бо кадом сабабҳо лоиҳаи чунин қарорро худ ҳамчун мутахассис таҳия ва пешниҳод накардааст;

**2.** Дар саҳифаи 4 автореферати диссертатсия муаллиф маълумоти омори расмии солҳои 2010-2020-ро доир ба ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт баррасӣ намудааст, ки он мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро баланд гардонидааст. Аммо, хуб мешуд, ки диссертант дар кори мазкур маълумоти омори расмии соли 2021-ро низ баррасӣ мекард, зеро он сифати рисолаи диссертатсионӣ ва авторефератро боз ҳам мукаммалтар менамуд.

Нуктаҳои баҳсноки болотар ишора гардида, дар умум мазмуни автореферати диссертатсияи муҳақиқро коста намегардонанд ва баҳои мусбати автореферато тағйир надода, танҳо шарҳи муаллифро тақозо менамоянд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад хулоса кардан мумкин аст, ки он таҳқиқоти илмии

баанҷомрасида мебошад ва масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар замони муосир барои оянда замина мегузорад.

Мазмун ва муҳтавои автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи номзадии Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Абдуҳамитов В.А.**

**«15» декабри соли 2021**

ОТДЕЛ КАДРОВ
Подпись Абдухамитова В.А. заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.